**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ҚАРОРИ**
**РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ**

аз «16» декабри соли 2022, № 694

Дар бораи додани иҷозат ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Глобал Групп» барои лоиҳакашии биноҳои баландошёна ва бисёр баландошёнаи истиқоматӣ иборат аз блокҳои А, Б, В бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаҳои аввал, таваққуфгоҳи наклиётииеризаминӣ дар таҳхонаи онҳо ва таваққуфгоҳи наклиётии 5 (панч) ошёна бо таҳхона дар заминаи манзилҳои истиқоматии шахсии бартараф-шаванда, воқеъ дар кӯчаҳои Шарқ №№ 56, 56/1, 58, 64 ҳуҷраҳои 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12, 13 ва 14, 65 ҳуҷраҳои 2 ва 3, 66 ҳуҷраи 1, ва Меҳнат №№18, 19, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 26, 27, 28, 30, 31, 32, 34, 35, 36, 38, 40, 41, 42, 43, 45, 46, 470, 48, 49, 50 ва 60 ҳуҷраҳои аз 1 то 8, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе

Бо мақсади татбиқи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе мактуби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Глобал Групп»-ро аз 28 сентябри соли 2022, №44-1606 баррасӣ намуда, мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 27 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 14 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 82⁶ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ва қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 18 майи соли 2020, №300 «Дар бораи Тартиб ва меъёрҳои пардохт барои додани иҷозати сохтмони бино ва иншоот дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе»

**ҚАРОР МЕКУНАМ:**

1. Ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Глобал Групп» барои лоиҳакашии биноҳои баландошёна ва бисёр баландошёнаи истиқоматӣ иборат аз блокҳои А ва В – 16 (шонздаҳ) ошёна, Б – 18 (ҳаждаҳ) ошёна бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаҳои аввал, таваққуфгоҳи наклиётии зеризаминӣ дар таҳхонаи онҳо ва таваққуфгоҳи наклиётии 5 (панч) ошёна бо таҳхона дар заминаи манзилҳои истиқоматии шахсии бартарафшаванда, воқеъ дар кӯчаҳои Шарқ №№ 56, 56/1, 58, 64 ҳуҷраҳои 4, 5, 6, 7, 8, 9, 10, 11, 12, 13 ва 14, 65 ҳуҷраҳои 2 ва 3, 66 ҳуҷраи 1, ва Меҳнат №№18, 19, 20, 21, 22, 23, 24, 25, 26, 27, 28, 30, 31, 32, 34, 35, 36, 38, 40, 41, 42, 43, 45, 46, 470, 48, 49, 50 ва 60 ҳуҷраҳои аз 1 то 8, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе, дар қитъаи замини масоҳати умумиаш 1,34 (яку аз сад сиву чор) гектар бо дақиқ намудани масоҳати зери сохтмон, иҷозат дода шавад.

2. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Глобал Групп» баҳри ҳифзи ҳуқуқи соҳибмулкон ва таъмини адолати иҷтимоӣ ҷуброни зарари бартарафкунии манзилҳои истиқоматии фарсудаи шахсӣ ва бинову иншоотҳои мавҷударо тибқи қонун барқарор, инчунин розигии соҳибмулкони хонаҳои истиқоматиро оид ба таъмини онҳо бо манзилҳои истиқоматии муваққатӣ ва шартномаҳоро бо соҳибмулкон бо мақсади бартарафсозӣ бо шарти минбаъд пайдо намудани ҳуқуқи моликият ба манзилҳои истиқоматӣ дар биноҳои навбунёдшаванда, тариқи шартномаҳои нотариалӣ ба расмият дарорад.

3. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Глобал Групп» ба корҳои лоиҳакашӣ баъди иҷрои банди 2 қарори мазкур тибқи талаботи супориши меъморӣ-банақшагирӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ шурӯъ намуда, пас аз мувофиқасозӣ ва дастрас намудани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, хулосаи экспертизаи давлатӣ, ҳуҷҷатҳоро бо маълумотномаи масоҳати умумии бино тибқи Тартиб ва меъёрҳои тасдиқшудаи пардохт ба Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозӣ пешниҳод намояд.

4. Ӯҳдадории Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Глобал Групп» ДШ№1436152 аз 25 октябри соли 2022, ки дар саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқан дар феҳристи тахти №1/7Н/2022-3-20191 сабт гардидааст, ба инобат гирифта шавад.

5. Муқаррар карда шавад, ки ҳангоми аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Глобал Групп» дар муҳлати 1 (як) сол шурӯъ накардан ба корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмони иншоот, масъалаи бекор кардани қарори мазкур баррасӣ карда мешавад.

6. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси шаҳри Душанбе, сарпарасти соҳа гузошта шавад.

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ, МУРОҶИАТ ВА ҚАБУЛИ ШАҲРВАНДОН

Рустами Эмомалӣ